**ХУЛОСАИ**

**комиссияи ташхисии шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-048 дар назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав оид ба диссертатсияи номзадии Мӯсоева Бунафша Аламхоновна дар мавзӯи “Технологияи омодасозии омӯзгорони касбии оянда барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон” барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.03 – Назария ва методикаи фанҳои риёзӣ, таҳсилоти касбӣ**

Дар асоси қарори Шӯрои диссертатсионӣ аз 11.06.2022 барои рисолаи диссертатсионии Мӯсоева Бунафша Аламхоновна аъзоёни комиссияи ташхис дар ҳайати 3 нафар мутахассисони соҳаи рисолаи ҳимояшаванда аз шахсони зерин интихоб карда шуданд:

1. **Сафаров Ҷ.** – узви шӯро, доктори илмҳои физика-математика, дотсент (01.01.02 – Муодилаҳои дифференсиалӣ) – раиси комиссия;

2. **Раҷабов Т.** – узви шӯро, доктори илмҳои педагогӣ, дотсент (13.00.02 – Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (математика) – аъзои комиссия;

3. **Фатҳуллоев Қ.** – номзади илмҳои педагогӣ (13.00.02 – Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (математика) – аъзои комиссия.

Мавзӯи диссертатсионии Мӯсоева Б.А. аҳамияти муҳими илмӣ дошта, бо он асоснок мегардад, ки омӯзиши математика воситаи тавонои рушди қобилияти маърифатӣ ва эҷодии хонандагон ба ҳисоб рафта, дар раванди омодасозии психологию педагогӣ ба ташаккули омодагии касбӣ барои идоракунии инкишофи завқи математикии онҳо нақши муҳим мебозад.

Ба ақидаи унвонҷӯй мафҳуми идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон дараҷаи мукаммалтари фаъолияти касбӣ-педагогии омӯзгорро ифода мекунад, ки метавонад бо такя ба вижагиҳои синнусолии онҳо аз лиҳози педагогӣ равишҳои ҳамкории омӯзгорро бо хонанда таҳлил ва пешгӯӣ намуда, ҷараён ва натиҷаҳои раванди таҳсилотиро танзим ва тасҳеҳ намояд.

Ҳадафи асосии таҳқиқот аз асосноккунии назариявӣ ва санҷиши таҷрибавии шароити дидактикии зарурӣ ҷиҳати дар омӯзгорони оянда

ташаккул додани омодагӣ барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон иборат аст.

Унвонҷӯй дар раванди таҳқиқот ба чунин навгониҳои илмӣ ноил гардидааст:

- амсилаи омодагии омӯзгори оянда барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон дар намуди ягонагии ҷузъиёти ангезавӣ-шахсиятӣ, муҳтавоӣ ва фаъолиятӣ асоснок гардида, дар тавсифномаи тахассусии омӯзгори амалисозандаи инкишофи завқи математикии хонандагон муҳтавои ҳар яке аз он ҷузъиёт шарҳу тафсир ёфтааст ва маҳорати омӯзгор оид ба идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон аз рӯйи марҳилаҳои таркиби амалиётии идоракунӣ мушаххас гардидааст;

- шароити педагогии зарурӣ ҷиҳати ташаккули омодагии донишҷӯён барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон аз ҷиҳати назариявӣ асоснок ва аз лиҳози таҷрибавӣ тафтиш карда шудаанд.

Диссертатсия бо талаботи бандҳои 51-56-и Низомномаи шӯрои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои навини илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Мавзӯъ ва мазмуни таҳқиқот бо шиносномаи ихтисоси 13.00.08.03 – Назария ва методикаи фанҳои риёзӣ, таҳсилоти касбӣ, ки аз рӯйи он ба шӯрои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 8-уми апрели соли 2022, таҳти №126 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад. Ҳамзамон таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаи илмӣ дода мешаванд, мувофиқат мекунад.

Комиссияи ташхисӣ таҳқиқоти диссертатсионии Мӯсоева Бунафша Аламхоновнаро ҳамаҷониба мавриди баррасӣ қарор дода, он кори баитмомрасидаи илмӣ-тахассусӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва

дар сатҳи баланд ба анҷом расидааст. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 11 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд ва ҳамаи онҳо бо мазмун ва мавзӯи рисолаи илмӣ бевосита алоқаманд мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд.

Саҳми шахсии унвонҷӯй дар омӯзиш ва таҳлилу баррасии технологияи омодасозии омӯзгорони касбии оянда барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон зоҳир гардидааст.

Натиҷаҳои ҳосилшуда, ки дар хулосаҳои ҷамъбастии диссертатсия ифода ёфтаанд, фарзияи таҳқиқро тасдиқ менамоянд ва ҳаллу фасли доираи масъалаҳои онро собит месозанд.

Автореферат дар мутобиқат бо мантиқи таҳқиқ таҳия гардида, муҳтавои асосии таҳқиқотро инъикос менамояд. Натиҷаҳои илмие, ки унвонҷӯй ба даст овардааст, ба ихтисоси 13.00.08.03 – Назария ва методикаи фанҳои риёзӣ, таҳсилоти касбӣ мувофиқанд.

Дар таҳқиқоти диссертатсионии Мӯсоева Бунафша Аламхоновна истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровaрда шудаанд.

Дар рисолаи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Мӯсоева Бунафша Аламхоновна маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи унвонҷӯй ба чоп расонида шуда, мавҷуд намебошанд.

Комиссияи ташхисӣ тибқи банди 61-и Низомномаи Шӯрои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикситон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ба ҳисоб гирифта, пешниҳод менамояд:

Диссертатсияи Мӯсоева Бунафша Аламхоновна дар мавзӯи **“Технологияи омодасозии омӯзгорони касбии оянда барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон”** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.03 – Назария ва

методикаи фанҳои риёзӣ, таҳсилоти касбӣ, ба шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-048 дар назди МДТ “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав” амалкунанда барои ҳимоя пешниҳод карда шавад.

Мукарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъйин карда шаванд:

- **Исломов Озод Азимович**, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи “нақшакашӣ, геометрияи тасвирӣ ва методикаи таълим”-и Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров;
- **Махкамов Мамадҷон**, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи “методикаи таълими математика”-и Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

Ба ҳайси муассисаи пешбари диссертатсия **Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ** таъйин карда шавад.

Барои нашри эълон оид ба ҳимоя ва ҷойгир намудани диссертатсия ва автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои физикаю математика, профессор Сафаров Ҷ.

**Аъзоёни комиссия:**
доктори илмҳои педагогӣ, дотсент Раҷабов Т.

номзади илмҳои пелагогӣ Фатҳуллоев Қ.

21.06.2022